Тахрири №08
Аз "18" ноябри соли 2024

# ШАРТНОМАИ ҚАРЗӢ
# БАРОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ
# (ОФЕРТАИ ОММАВӢ)

Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Бонки Эсхата" минбаъд "Бонк" номида мешавад, аз як тараф ва шахси воқеӣ, ки минбаъд "Қарзгир" номида мешавад аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ "Тарафҳо" ва дар алоҳидагӣ "Тараф" номида мешаванд, Шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин бастанд:

## 1. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

1.1. Шартномаи мазкур офертаи оммавӣ ба ҳисоб рафта тавассути сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com, барномаи мобилии "Эсхата онлайн", дар воҳидҳои сохтории бонк (бо истифодаи яке аз ин усулҳо), ҷойгир ва пешниҳод карда мешавад. Аксепти шартномаи мазкур аз ҷониби Қарзгир ин ба Бонк дар шакли қоғазӣ бо имзои шахсӣ пешниҳод намудани шакли аз тарафи Бонк муқарраршудаи Ариза-дархост (замимаи №1) оид ба қабули Шартномаи мазкур (офертаи оммавӣ) ва ё ба воситаи барномаи мобилии "Эсхата онлайн" пур ва ирсол намудани шакли муқарраршудаи ариза-дархост ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ мебошад.

Аксепти пешниҳоди оммавӣ наметавонад бо тартиби дигаре анҷом дода шавад, ба ғайр аз талаботҳое, ки Шартномаи мазкур пешбинӣ намудааст.

1.2. Ариза-дархост аз лаҳзаи аз ҷониби шахси масъули Бонк қабул намудан ва дар он қайд оиди қабул шудан гузоштан ва қабули қарори мусбии Кумитаи қарзии Бонк (мувофиқи тартиботи дохилии Бонк) оиди пешниҳоди қарз ва додани қарз ба Қарзгир, далели баста шудан ва ҳамроҳ шудан ба Шартномаи мазкур мебошад. Дар ҳолати бо барномаи мобилии "Эсхата онлайн" пешниҳод шудани ариза-дархост, он аз ҷониби Бонк тариқи низоми автоматикунонидашудаи бонкӣ қабул карда мешавад.

1.3. Нусхаи Ариза-дархост бо қайди Бонк ҳангоми зарурият бо хоҳиши Қарзгир ба Қарзгир пешниҳод карда мешавад.

1.4. Маҳалли басташудани шартнома, маҳалли ҷои қайди Бонк ва ё воҳидҳои сохтории он, ки ба Қарзгир хизматрасонӣ менамоянд, ба ҳисоб меравад.

## 2. ИСТИЛОҲОТ ВА ИХТИСОРҲО

**Ариза-дархост**– тасдиқи ҳамроҳ шудан ба Шартномаи қарзӣ (офертаи оммавӣ) ва гирифтани қарз, ки дар он маблағи кредит ифода мегардад ва шакли он аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудааст, ки аз ҷониби Қарзгир тибқи тартиби муқаррargардида имзо карда шудааст (бо имзои электронии одӣ тасдиқ шудааст) ва қисми ҷудонашавандаи Шартномаи қарзи барои шахсони воқеӣ (офертаи оммавӣ) мебошад (Замимаи №1).

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон

**Қарз (кредит)** - маблағе, ки аз ҷониби Бонк ба Қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мухлати муайян дода шудааст.

**Ҷадвали пардохт-** ҷадвали пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳо/меъёри самараноки фоизии солона аз рӯи қарзи додашуда, ки ба Қарзгир ҳангоми гирифтани қарз, дода мешавад ё ба таври электронӣ дар барномаи мобилии "Эсхата онлайн" дастрасии Қарзгир мегардад.

**Маълумотнома** – Маълумотнома, ки пеш аз пешниҳоди қарз тибқи Дастурамали 241-и БМТ ва Маълумотнома, ки тибқи талаботи Дастурамали 255-и БМТ таҳия карда мешавад ва қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур баҳисоб рафта дар он маълумотҳои асосӣ оид ба қарз зикр карда шуда ба таври қоғазӣ пешниҳод мегардад ё дар шакли электронӣ дар барномаи мобилии Эсхата онлайн дастрасии Қарзгир мегардад.

**Имзои электронии одӣ (ИЭО)-** Логин ва ПИН-код ё парол ва ё Рамзи якмаротибагӣ (OTP(One time password)-код), ки аз тарафи Қарзгир ҳангоми мушахасскунӣ дар барномаи мобилии Эсхата онлайн ва тасдиқи шартномаи мазкур ва замимаҳои он истифода мешавад.

**Воҳидҳои сохтории Бонк-** Идораи амалиётӣ, Филиалҳо ва Марказҳои хизматрасонии бонкӣ.

## 3. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

3.1. Тибқи шартномаи мазкур Бонк ба Қарзгир қарзи истеъмолиро ба маблағи то **30000,00 (Си ҳазор сомонӣ 00 дирам) сомонӣ** ба мухлати то **36 (сиву шаш моҳ)** аз рӯзи гирифтани қарз бо ситонидани **30% (Си фоиз)-и** солона барои гирифтани қарз бо ташриф ба бонк ва **31% (Сиву як фоиз)-и** солона барои қарзҳои онлайнӣ тариқи барномаи мобилии Эсхата онлайн, бо шарти баргардонидан пешниҳод менамояд ва Қарзгир бошад, уҳдадор мешавад, ки қарзи пешниҳодшударо мақсаднок истифода намуда, саривақт маблағи қарз ва фоизҳоро дар мухлати муқарраршуда, баргардонад.

## 4. ШАРТҲОИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ

4.1. Қарзи дар доираи шартномаи мазкур пешниҳодшаванда бе таъминот (бе гарав ва бе зомин) мебошад.
4.2. Қарз тариқи нақдӣ ва ё ғайринақдӣ пешниҳод карда мешавад. Қарзгир имконияти боташриф овардан ба Бонк ва ё ба таври онлайнӣ бо истифодаи барномаи мобилии "Эсхата онлайн" гирифтани қарзро доро мебошад.
4.3. Санаи пешниҳоди маблағи қарз ин санаи ворид шудани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби Қарзгир, ки Бонк ба Қарзгир барои ҳисоби қарзи пешниҳоднамуда мекушояд ё тариқи хазинаи Бонк додани маблағ ба Қарзгир, ҳисоб меёбад. Фоиз ба қарз аз санаи гирифтани қарз ҳисоб карда мешавад.
4.4. Меъёри самаранокии фоизи солонаи қарз дар **Ҷадвали пардохт,** ки қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур башумор меравад зикр карда мешавад.
4.5. Барои ҳисоб намудани фоизҳо аз рӯи қарз ба асос гирифта мешавад:
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 360 рӯз, агар мухлати қарз то як сол бошад;
- миқдори рӯзҳо дар соли тақвими – 365 рӯз, агар мухлати қарз зиёда аз як сол бошад.
4.6. Қарзгир ба Бонк барои хизматрасонии қарз ба андози **1%** (**Як фоиз**) аз маблағи дар банди 1.1.-и шартномаи мазкур нишондодашуда, вале на зиёда аз **200** (**дусад**) сомонӣ, ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) пардохт менамояд. Маблағи ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) якдафъаина буда, бояд то гирифтани маблағи қарз ба пуррагӣ бо пули миллӣ сомонӣ пардохт карда шавад. Қарзгир ҳамаи хароҷотҳо ва боҷҳои имконпазирро, ки бо барасмиятдарорӣ ва бақайдгирии ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба Шартномаи мазкур алоқаманд вобаста мебошанд, мепардозад. Дар ҳолати бо истифодаи барномаи мобилии "Эсхата онлайн" гирифтани қарз, аз маблағи гирифтаи Қарзгир ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) ситонида намешавад.
4.7. Маблағи ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) аз ҷониби Қарзгир тариқи нақдӣ яъне ба воситаи хазинаи бонк ё ғайринақдӣ тариқи суратҳисобҳои дар бонк доштааш пеш аз гирифтани маблағи қарз, пардохт карда мешавад.
4.8. Мутобиқи Шартномаи мазкур бо ариза-дархости Қарзгир маблағи қарз аз ҷониби Бонк ба Қарзгир ба таври якбора ё давра ба давра дода мешавад.
4.9. Мухлати имтиёзнок барои қарзи дар шартномаи мазкур пешниҳодшаванда, барои пардохти қарзи асосӣ ва барои пардохти фоизҳо дар Ҷадвали пардохт, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошад, зикр карда мешавад.

## 5.ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҚАРЗ

5.1. Маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобшуда аз тарафи Қарзгир, мувофиқи Ҷадвали пардохт муайян ва пардохта мешавад.
5.2. Маблағи фоизҳо дар охири ҳар моҳи давраи гузаштаи истифодабарии қарз, ҳисоб карда мешавад. Қарзгир маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобшударо тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ (бо воситаи суратҳисоб, корти бонкӣ ё ҳамёни электоронии мушаххасшуда) пардохт менамояд ё Бонк бо воситаи ордери мемориалӣ мувофиқи Ҷадвали пардохт аз суратҳисоби бонкии Қарзгир меситонад. Оид ба пардохти қисми асосии маблағи қарз ё ба фоизҳои он равона кардани маблағи дар суратҳисобе, ки барои пардохти қарз муқаррар карда шудааст, Қарзгир Бонкро тариқи телефон ё ташриф овардан ба Бонк огоҳ менамояд. Қарзгир бояд оиди аз суратҳисоб баровардани маблағ корманди масъули Бонк (мутахассис)-ро, ки ба ӯ хизмат мерасонад, огоҳ намояд. Огоҳнамоии Қарзгир оиди аз суратҳисоб баровардани маблағ барои равона кардан ба пардохти қарзи асосӣ ё фоизҳои он, супориши Қарзгир ба ҳисоб меравад ва зарурияти гирифтани аризаро надорад.
5.3. Ҳисоб кардани фоизи қарз бо пули миллӣ-сомонӣ ба амал бароварда мешавад.
5.4. Дар ҳолати то 180 (яксаду ҳаштод) рӯз ба таъхир афтодани қарз, Бонк бо тартиби зерин маблағҳоро меситонад: ноустуворонаҳо, фоизҳои пардохтнашуда, маблағи пардохтнашудаи қарз.

Дар ҳолати зиёда аз 180 (яксаду ҳаштод) рӯз ба таъхир афтодани қарз бошад бо тартиби зерин ситонида мешавад: маблағи пардохтнашудаи қарз, фоизҳои пардохтнашуда, ноустуворонаҳо.
5.5. Барои маблағи пулие, ки аз ҷониби Қарзгир ба шахсони сеюм ё бе тартиб додани санади дахлдор ба кормандони Бонк барои пардохти қарз дода шудааст, Бонк ҷавобгар нест.
5.6. Пӯшондани (пардохти) қарз аз ҳисоби манбаъҳои дуюмдараҷа то ба охир расидани муҳлати қарз низ имкон дорад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Бонк**

***6.1. Бонк ҳуқуқ дорад:***

6.1.1. Аз Қарзгир маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро, ки барои тасдиқи истифодаи мақсадноки қарз ва баҳо додани ҳолати молиявӣ зарур аст, талаб намояд ва дар ҳар вақт истифодаи мақсадноки қарз ва ҳолати молиявиро тафтиш намояд.
6.1.2. Ҳангоми муайян шудани амали истифодаи ғайримақсадноки қарз, аз Қарзгир пардохти пеш аз муҳлати маблағи қарз ва пардохтҳоро аз рӯи он талаб намояд.
6.1.3. Дар ҳолати расидани муҳлати пардохти маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобшуда ё аз ҷониби Қарзгир вайрон кардани шартҳои Шартномаи мазкур, бо тариқи беаксептӣ аз ҳисоби Қарзгир маблағи дар ҳамон лаҳза ҳисобшавандаро бо ситонидани ноустуворонаи пешбинишуда, ситонад. Ҳангоми ситонидани маблағҳои дар суратҳисобҳо ҷойгиршуда, маблағҳои асъори хориҷи/пули миллӣ бо қурби хариду-фурӯши асъори хориҷии муқаррарнамудаи Бонк дар рӯзи амалиёт ба пули миллӣ/асъори хориҷӣ мубаддал карда мешавад. Хароҷоти марбут ба мубаддал аз ҳисоби Қарзгир анҷом дода мешавад.
6.1.4. Дар ҳолати сари вақт пардохт накардани қарз ва фоизҳои ҳисобшуда аз ҷониби Қарзгир, маблағи қарз, фоизҳои ҳисобшуда ва дигар маблағҳо (ноустуворона ва ғайра)-ро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тариқи маҷбурӣ рӯёнад ва ё Шартномаро қатъ намояд.
6.1.5. Тариқи хаттӣ Қарзгирро хабардор намуда, пеш аз муҳлат пардохтани маблағи боқимондаи қарз ва маблағҳои аз рӯи он пардохтшавандаро аз Қарзгир дар ҳолатҳои зерин талаб намояд:
1) аз тарафи Қарзгир саривақт напардохтани маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобшуда;
2) ғайримақсаднок истифода бурдани қарз ва бад шудани ҳолати молиявии Қарзгир, вайрон кардани талаботҳои нишондиҳандаи молиявӣ, дарёфти маълумотҳое, ки то гирифтани қарз бардурӯғ ё нопурра пешниҳод шуда буданд;
3) аз тарафи Қарзгир вайрон карда шудани Шартномаи мазкур.
6.1.6. Ба Бюрои таърихи қарз (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда) дар бораи Қарзгир ва воқеияти аз ҷониби Қарзгир иҷро намудани уҳдадориҳои ӯ тибқи Шартномаи мазкур маълумот пешниҳод намояд. Дар баробари пешниҳод намудани ариза-дархост, Қарзгир розигии худро барои он медиҳад, ки маълумот дар бораи ӯ, инчунин иҷрои уҳдадориҳои ӯ тибқи Шартномаи мазкур ба Бюрои таърихи қарзӣ пешниҳод карда мешаванд.
6.1.7. Дар ҳолати тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, дигар шудани вазъи молиявии Бонк ва ё сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил, меъёри захираҳои ҳатмӣ, вобаста ба тағйирёбии меъёри байналмилалии фоизӣ (LIBOR ё FIBOR) Бонк ба таври яктарафа ба Шартномаи мазкур тағйироту иловаҳо ворид намояд, оиди ба таври яктарафа тағйир ёфтан (аз он ҷумла, оиди мавриди амал қарор гирифтани чунин тағйиротҳо) ба шарте, ки дар ҳолати зиёд шудани уҳдадории пардохти қарз қабл аз 30 рӯз Қарзгир огоҳонида шуда бошад. Дар ҳар ҳолат меъёри фоизи қарз набояд ҳолати Қарзгирро вазнин намояд. Маълумот оиди тағйиротҳо ба Шартномаи мазкур тариқи аз тарафи Бонк дар лавҳаҳои иттилоотии бонкӣ, смс-хабардоркунӣ, занги телефонӣ ва ё тавассути почтаи электронӣ фиристодани лоиҳаи Шартномаи мазкур ба Қарзгир, ҷойгирнамоии таҳрири нави Шартномаи мазкур ва ё маълумот оид ба тағйиротҳо дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com (бо истифодаи яке аз ин усулҳо), расонида мешавад.
6.1.8. Тибқи қонунгузории амалкунанда гузашт намудани ҳуқуқ ба талабот, ки ба Бонк тибқи шартномаи мазкур тааллуқ дорад, инчунин додани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои ба ҳуқуқ алоқамандро ба шахси сеюм, ҷалби шахси сеюм барои ситонидани маблағи қарзи батаъхирафтода ва фоизу ноустуворонаҳо вобаста ба онҳо.
6.1.9. Аз Қарзгир иҷрои талаботи дар банди 4.6.-и Шартномаи мазкур зикр шударо пеш аз пешниҳоди қарз талаб намояд.

6.1.10. Дар сурати огоҳ шудан оиди он, ки маълумотҳои барои мушаххаскунӣ зарурбудаи Қарзгир тағйир (иваз) шудаасту, лекин Қарзгир Бонкро огоҳ накардааст, Бонк ҳуқуқ дорад барои гирифтани қарз ва дигар амалиётҳо тариқи барномаи Эсхата Онлайн маҳдудият гузорад.

***6.2. Бонк уҳдадор аст:***
6.2.1. Баъди ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, маблағи қарзро тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ ба Қарзгир пешниҳод намояд.
6.2.2. Бо талаби Қарзгир беруннавис аз суратҳисоб ва ё маълумотнома оид ба пурра ё қисман пардохт шудани қарз (иҷро шудани уҳдадорӣ) ройгон диҳад.
6.2.3. Дар ҳолати пеш аз муҳлат пардохт намудани қарз аз ҷониби Қарзгир ноустуворона ҳисоб нанамояд.
6.2.4. Барои пешгирии дастрасии шахсони сеюм ба маълумотҳои тибқи қонун ҳифзшавандаи Қарзгир чораҳои дахлдор андешад.

**Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Қарзгир:**
***6.3. Қарзгир ҳуқуқ дорад:***
6.3.1. Пеш аз муҳлат қарзро пардохт намояд. Дар ин ҳолат фоизи қарз дар рӯзҳои воқеан истифода шудани қарз ҳисоб карда шуда ситонида мешавад.
6.3.2. Оид ба пурра ё қисман пардохт шудани қарз (иҷро шудани уҳдадорӣ) аз Бонк маълумотнома талаб намояд.
6.3.3. Аз гирифтани қарз пурра ё қисман даст кашида, дар ин бора Бонкро огоҳ намояд, яъне маҳсулоти бонкӣ ихтиёрӣ буда, Қарзгир метавонад аз истифодаи он то қабул даст кашад.
***6.4. Қарзгир уҳдадор аст:***
6.4.1. Мувофиқи Ҷадвали пардохт маблағи қарзро бо фоизҳои ҳисобшуда пардохт намояд, қарзро мувофиқи Шартномаи мазкур мақсаднок истифода барад, инчунин ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия)-ро тибқи банди 4.6.–и шартномаи мазкур пардохт намояд ба истиснои бо воситаи Эсхата онлайн гирифтани қарз.
6.4.2. Дар давраи амали Шартнома бо талаби Бонк ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои зарурирo барои муайян намудани мақсаднокии истифодаи қарз ва барои таҳлили вазъи молиявии Қарзгир лозиманд, пешниҳод намояд.
6.4.3. Оиди ҳамаи ҳодиса ва шартҳое, ки метавонад ба фаъолият, ҳолати молиявӣ ё қобилият нисбати иҷроиши ҳамаи уҳдадориҳояш таъсири муҳими манфӣ расонад, инчунин баъд аз сар задани тамоми ҳодисаҳои иҷро нашудани уҳдадорӣ ё ҳолати потенсиалии иҷро нашудани уҳдадорӣ, инчунин оиди тағйир ёфтани маълумотҳои шахсӣ, иваз намудани шиноснома, тағйир ёфтани суроғаи қайд ва суроғаи зист, рақами телефон ва дигар маълумоти барои мушаххаскунӣ зарурбуда, Бонкро фавран тариқи пешниҳоди маълумот, хабардор намояд.
6.4.4. Бо талаби Бонк дар муддати 3 (се) рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабул кардани талаботи зикршуда, пеш аз муҳлат қарз ва фоизҳои ҳисобшударо баргардонад. Инчунин бо талаби Бонк ҳамаи хароҷотҳо ва зараре, ки Бонк бинобар ба миён омадани вайрон кардани талаботҳои шартномаи мазкур, вобаста ба андешидани чораҳои маҷбуран ситонидани қарз андешидааст, ҷуброн намояд.
6.4.5. Ҳамаи шартҳои Шартномаи мазкурро саривақт ва дуруст иҷро намояд.
6.4.6. Бо бастани Шартномаи мазкур ва пешниҳоди ариза-дархост Қарзгир ба коркарди маълумотҳои шахсии худ (ном, насаб, номи падар, сана, моҳ ва соли таваллуд, ҷинс, рақамҳои телефон, суроғаҳои почтаи электронӣ, маълумоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, маълумот дар бораи ҷои истиқомат, таҳсилот, вазъи оилавӣ, шуғл, дар бораи даромад ва хароҷот ва ғайра), ки дар ҳомилҳои қоғазӣ ва ё электронӣ пешниҳод шудааст, розигӣ медиҳад. Коркарди маълумоти шахсии зикргардида, барои муайян кардани имконияти бастани Шартнома бо Қарзгир, тафтиши дурустии маълумот, талаб намудани баргардонидани қарз тибқи Шартномаи мазкур, баҳодиҳии пардохтпазирии Қарзгир ва ғайра зарур мебошад.

## 7. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

7.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур мутобиқи шартнома ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.
7.2. Дар ҳолати сари вақт пардохт накардани қарз аз ҷониби Қарзгир, Бонк ҳуқуқ дорад аз маблағи батаъхирафтодаи қарз барои ҳар рӯзи батаъхиргузошта шуда, ноустуворона ба андозаи 48% (чилу ҳашт фоизи) солона, ситонад.

7.3. Дар сурати дер ё нодуруст ба суратҳисоби Қарзгир гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Бонк бояд барои ҳар рӯзи таъхир ба Қарзгир аз рӯи маблағи мухлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима медиҳад.
7.4. Дар ҳолати фавти Қарзгир, қабули қарори суд оид ба вафотёфта эълон намудан ва ё ғайри қобили амал донистани ӯ (бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда), Бонк ҳисобкунии минбаъдаи фоизҳоро қатъ менамояд. Маълумот оид ба ҳамаи уҳдадориҳои Қарзгир бо дар назар доштани фоизи ҳисобшудаи қарз ба Кумитаи қарзӣ ва дигар мақомоти идоракунии Бонк пешниҳод шуда қарори дахлдор қабул карда мешавад. Иҷроиши ҳамаи уҳдадорҳо аз рӯи шартномаи мазкур, ки баъди вафот, вафотёфта эълон шудан ва ё ғайри қобили амал донистани ӯ ва баъди қарори қабулнамудаи Кумитаи қарзӣ ва дигар мақомоти идоракунии Бонк ба миён омадаанд ба ворисони хуқуқии Қарзгир мегузарад.
7.5. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия"-ро бе чунну чаро риоя намояд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷавобгариҳои интизомӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ вуҷуд дорад.
7.6. Ҳар як тарафи шартномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки бо мақсади бастани шартнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок пешниҳод/талаб/ваъда надодаанд. Тарафҳо дар давоми амали шартномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои заруриро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.
7.7. Дар ҳолати тағйир ёфтани маълумотҳои барои мушаххаскунӣ зарурбудаи Қарзгир (иваз шудани шиноснома ва дигар ҳолатҳо), Қарзгир барои саривакт Бонкро оиди чунин тағйиротҳо фавран хабардор намудан масъул мебошад. Дар ҳолати иваз намудани шиноснома, агар Қарзгир Бонкро огоҳ накарда бошаду тариқи барномаи Эсхата Онлайн қарз гирифта бошад, қарз аз ҷониби Қарзгир гирифташуда ҳисобида мешавад.

## 8. МАХФИЯТ

8.1. Маълумоте, ки Бонк ва Қарзгир дар асоси Шартномаи мазкур ба ҳамдигар пешниҳод мекунанд, махфӣ ҳисобида мешавад.
8.2. Тарафҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд, ки роҳи ошкор шудани маълумотҳои мутобиқи шартнома ба дастомадаро пешгирӣ намоянд. Маълумот ба шахси сеюм танҳо дар асоси қоидаҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, пешниҳод карда мешавад.
8.3. Барои мукотибот рақами телефон ва ё суроғаҳои электронии Тарафҳо, ки дар Ариза-дархост зикр карда мешавад, истифода мегардад.

## 9. ФОРС-МАЖОР

9.1. Тарафҳо аз масъулияти пурра ё қисман иҷро накардани уҳдадориҳои тибқи шартномаи мазкур ба зиммаи худ гирифтаашон озод мешаванд, агар он дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода, ки баъди баста шудани шартномаи мазкур ба миён омада ва барои тарафҳо ғайричашмдошт ва рафънопазир мебошанд.
9.2. Ба ҳолатҳои фавқулода руйдодҳое мансубанд, ки тарафҳо ба онҳо таъсир расонида наметавонанд ва барои ба миён омадани онҳо ҷавобгар нестанд, аз қабили: обхезӣ, сӯхтор, заминларза, дигар офатҳои табиӣ, осеб дидани хатҳои алоқа, корпартоиҳо, ҳолати ҷанг, пандемия, санадҳои мақомотҳои давлатӣ, ки бевосита ё бавосита барои иҷрои уҳдадориҳои Шартномаи мазкур монеа мешаванд.
9.3. Мухлати иҷроиши уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи мазкур ба мухлати давом ёфтани ҳолатҳои фавқулода гузаронида мешавад.
9.4. Агар ҳолатҳои мазкур беш аз 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ давом ёбанд, ҳар як тараф ҳуқуқ дорад, ки аз иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ даст кашад ва дар ин ҳолат тарафҳо аз ҷуброни зарари эҳтимоли озод мешаванд.
9.5. Тарафе, ки дар ҳолати фавқулода қарор дорад, бояд тарафи дигарро тариқи хаттӣ ё электронӣ ва тибқи талаботи тарафи дигар бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти чунин ҳолатҳо, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода шудааст, огоҳ намояд.

## 10. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА, ШАРТ ВА ҚОИДАҲОИ БЕКОР КАРДАНИ ОН

10.1 Шартномаи мазкур аз санаи қабул шудани қарори Кумитаи қарзии Бонк (мувофиқи тартиботи дохилии Бонк) оиди пешниҳоди қарз ва додани қарз ба Қарзгир ба қувваи амал даромада то пурра баргардонидани қарз ва пардохти фоизҳои ҳисобшуда аз ҷониби Қарзгир, амал менамояд.

10.2. Шартномаи мазкур мумкин аст, бо созиши Тарафҳо, бо хоҳиши яке аз Тарафҳо, тибқи асосҳои дар Шартномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бекор карда шавад.
10.3.Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки Шартномаи мазкурро яктарафа қатъ намоянд. Тарафе, ки хоҳиши қатъ кардани Шартномаро дорад, ба Тарафи дигар 30 (сӣ) рӯз пеш огоҳинома дар шакли хаттӣ ё электронӣ бо ибрози хоҳиши қатъ намудани Шартнома, ирсол менамояд. Пас аз 30 (сӣ) рӯз аз мавриди гирифтани чунин огоҳинома, Шартнома қатъшуда ба ҳисоб меравад, ба шарте, ки як тараф нисбат ба Тарафи огоҳинома фиристода, даъвое (дигар уҳдадории иҷронашуда) надошта бошад.
10.4. Бонк ҳуқуқ дорад, Шартномаро пеш аз муҳлат яктарафа дар ҳолати аз ҷониби Қарзгир иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ бекор намояд. Дар ин ҳолат Бонк ҳуқуқ дорад, бетаъхир баргардонидани қарз, фоизҳо, ноустуворона, зарар ва хароҷоти Бонкро талаб намояд.
10.5. Бекор кардани Шартнома уҳдадориҳои Қарзгирро оиди баргардонидани қарз аз рӯи Шартномаи мазкур қатъ намекунад.
10.6. Ҳамчунин Бонк ҳуқуқ дорад, ҳангоми вайрон намудани талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом иҷрои фармони Қарзгирро рад намояд ё шартномаро қатъ кунад.

## 11. ТАРТИБИ ВОРИД КАРДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ШАРТНОМА

11.1. Бонк ҳуқуқ дорад, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шартномаи мазкур бо роҳи ҷойгир намудан ва ё фиристодани маълумоти дахлдор дар лавҳаҳои иттилоотии бонкӣ, барномаи мобилии “Эсхата онлайн”, смс-хабардоркунӣ, занги телефонӣ ва ё тавассути почтаи электронӣ фиристодани лоиҳаи Шартномаи мазкур ба Қарзгир, ҷойгирнамоии таҳрири нави Шартномаи мазкур ва ё маълумот оид ба тағйиротҳо дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com (бо истифодаи яке аз ин усулҳо) бо 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо намудани тағйироту иловагиҳо огоҳ намудани Қарзгир, тағйирот ва иловагиҳо ворид намояд. Қарзгир уҳдадор аст бо маълумоте, ки Бонк дар сомона ҷойгир мекунад ва ё ба Қарзгир ирсол менамояд, шинос шавад. Қарзгир ҳуқуқ дорад, дар ҳолати зарурӣ барои гирифтани шарҳу тавзеҳоти дахлдор ба Бонк муроҷиат намояд.
11.2. Ҳангоми розӣ набудан бо тағйирот ва ё иловаҳо Қарзгир ҳуқуқ дорад, бо фиристодани аризаи дахлдор ба Бонк, Шартномаро яктарафа бекор намояд. Дар ин ҳолат амали Шартнома аз рӯзи иҷрои пурраи уҳдадориҳо оиди пурра баргардонидани қарз ва фоизҳо аз рӯи он, қатъ мегардад.
11.3. Бонк барои аз ҷониби Қарзгир саривақт нагирифтан, нафаҳмидан ва ё дарки нодурусти мазмуни тағйирот ба Шартномаи мазкур, ки бо тартиб ва муҳлати муқарраршуда интишор шудаанд, масъулият надорад.
11.4. Тамдид ва ё таҷдиди қарз аз рӯи Шартномаи мазкур бо барасмиятдарории созишномаи иловагӣ, ки аз ҷониби Тарафҳо ба имзо мерасад, амалӣ карда мешавад.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки байни тарафҳо ҳангоми иҷрои шартномаи мазкур ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид байни тарафҳо ҳал карда мешаванд.
12.2. Дар ҳолати бо роҳи музокирот ҳал нашудани баҳсҳо, тарафҳо метавонанд нисбати тарафи дигар тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суд муроҷиат намоянд.
12.3. Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Бонк, саривақт иҷро накардан, дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Мизоҷ оварда мерасонад, Мизоҷ метавонад тариқи рақами **808** ва ё почтаи электронии **shikoyat@eskhata.tj** ба Бонк муроҷиат намояд.

## 13. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13.1. Қарзгир бо имзо намудани ариза-дархост, розигии худро оиди масъалаҳои зерин баён менамояд:
- дар ҳар вақт аз тарафи Бонк тафтиш карда шудани истифодаи мақсадноки қарз дар маконе, ки маблағи қарз барои он сарф шудааст, ҳолати молиявӣ ва таъмини қарз ва гузаронидани мониторинги нишондиҳандаҳои асосии молиявии Қарзгир новобаста аз ҳузури шахсони сеюм;
- дар ҳолати сари вақт пардохт накардани қарз ва фоизҳои ҳисобшуда аз ҷониби Қарзгир огоҳинома ва хабарномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро дар доираи қарз Бонк метавонад ба Қарзгир шахсан ё ба воситаи хадамоти алоқаи почтавӣ, sms – иттилоот равон намояд;
- барои аз ҷониби бонк равона намудани «sms – иттилоот» (аз ҷумла иттилооти характери рекламавӣ дошта);

- ҳангоми батаъхирафтодани кредит, аз тарафи Бонк аз шахсони сеюм (аъзои оила, шахсони наздик, корхонаву муассисаҳо) гирифтани маълумоту ҳуҷҷатҳо ва додани маълумот дар доираи шартномаи мазкур, бо мақсади руёнидани кредити батаъхирафтода, инчунин ҷалб намудани шахси сеюм оид ба ситониш;
- барои ба тариқи беаксептӣ аз суратҳисобҳои бонкӣ ситонидани маблағи қарз.
13.2. Ҳамаи огоҳиномаҳо ва дигар маълумотҳои дахлдор бо воситаи почта, почтаи электронӣ, тавассути Эсхата онлайн, занг задан, смс-паём ба рақами телефони мобилии Қарзгир равона карда мешавад.
13.3. Дигар ҳолатҳо ва шартҳое, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.
13.4. Ҳангоми тағйир ёфтани суроға ё суроғаи хуқуқӣ, нишониҳои бонкӣ ва инчунин ягон дигар тағйироте, ки барои иҷроиши шартҳои Шартномаи мазкур таъсир мерасонанд, Тарафҳо вазифадоранд, ки ба таври хаттӣ фавран ба ҳамдигар хабар диҳанд. Дар ҳолати зайл Бонк метавонад бо усулҳои дар ҷумлаи сеюми зербанди 6.1.7.-и Шартномаи мазкур зикр шуда, Қарзгирро хабардор намояд.
13.5. Мизоҷ метавонад тавассути рақами телефонии **+992 44 6000600** ё рақами кӯтоҳи **808** ба сохтори масъули хизматрасони Бонк, ки бо мизоҷон корбарӣ менамояд, муроҷиат намояд.
13.6. Шартномаи мазкур бо замимаҳояш ва ҳуҷҷатҳои дар муносибати байни Қарзгир ва Бонк истифодашавандае, ки ба тариқи электронӣ бо истифодаи барномаи мобилии “Эсхата онлайн” бо истифодаи имзои электронии одӣ аз ҷониби Қарзгир ба Бонк равона карда мешаванд, ҳангоми натиҷаи мусбии аутентификатсия ва мушаххаскунии Қарзгир, аз номи Қарзгир фиристонида шуда ҳисоб меёбанд ва баробар ба ҳуҷҷати қоғазии бо даст имзо гардида эътироф карда мешаванд ва ба ҳуҷҷатҳои дар ҳомили қоғазӣ будае, ки аз ҷониби Тарафи дахлдор бо дасти худ имзо шудаанд, баробар карда мешавад.
13.7. Ариза-дархост ва ҳамаи замимаҳо қисми ҷудонашавандаи Шартномаи қарзи (офертаи оммавӣ)-и мазкур ба ҳисоб мераванд ва дар якҷоягӣ шартҳои умумии шартномаи мазкурро ташкил менамоянд.

## 14. МАЪЛУМОТ ОИДИ БОНК:

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата»**

Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ аз 20-уми майи соли 2010. Муҳлати амали иҷозатнома - бемуҳлат.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135

Хадамоти маълумотӣ (Маркази тамос): +992 44 6000600, рақами кӯтоҳи **808**

Суратҳисоби муросилотӣ: 20402972457071

РЯМ:5110001371

РМА: 510004229

БИК: 350501707

СВИФТ: EJSATJ22

**Email: info2@eskhata.tj**